**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биологӣ, профессор
_______________Давлатзода С. Х.
«___» ноябри соли 2022

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.**

*Муҳиммияти мавзуи диссертатсия* пайдоиш ва такомули технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ раванди ҷаҳонишавиро таъмин намуда, зарурати истифодаи он дар раванди кори таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз он ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ талаботи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр кард, ки дар шароити ба миён омада талаботи иҷтимоӣ ба ташкили корҳои мақсаднок оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакон ба вуҷуд меояд. Дар педагогикаи ватанӣ масъалаҳои тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабиро олимон-педагогҳо М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова, Б. Маҷидова, Н. Насруллоева, Л. Иматова, М. Иззатова, Н. Юнусова, Л. Таджибаева, М. Обидова, М. Юнусова, З. Курбанова, Ш. Котибова, Г. Курбанова, С. Бобохонова, М. Акрамова ва дигарон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд.

Масъалаи таҳким бахшидан ба компютеркунонии соҳаи маориф, истифодабарии дурусти технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (минбаъд ТИИ) дар Тоҷикистон дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (М.А. Дадобоев, Ш.К. Каримзода, М.Н, Акбарова) ва миёнаю олии касбӣ (С.С. Афғонов, Ш.Ҳ.Бобоева, Д.Қ. Сатторов, Д.Р. Ҳасанов, У.Р. Гулманов, Ш.Ш. Туев ва дигарон) таҳқиқотҳои арзишманди олимони тоҷик низ баргузор гардида, самарабахшии он аз ҷиҳати илмию амалӣ исбот карда шудаааст.

Дар муассисаҳои томактабии давлатҳои пешрафта даҳсолаи охир аз технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим, пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ, раванди идоракунӣ ва таъмини бехатарии муаассиса васеъ истифода мебаранд. Муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психологияи таҳсилоти томактабӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон таҷрибаҳои амалӣ гузаронида, собит карданд, ки марҳила ба марҳила ворид кардани технологияҳои муосир дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барои баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ имконпазир ва мубрам мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки чунин тарзи масъалагузорӣ дар худ аҳамият ва арзишмандии махсусро фаро гирифта, барои ҳалли бисёр масъалаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон ) мусоидат карда метавонад.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот* муносибати махсуси тавзеҳи мавзуи мавриди омӯзиш ва таҳлилро ифода мекунад, ки асоси методологияи самараноки гузаронидани таҳқиқоти ба ин монандро таъмин менамояд ва дар нишондодҳои муайяни зерин пешниҳод карда шудаанд:

- дар илми педагогика ва таърихи низоми таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон масъалаи истифодаи **ТИИ** дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бори нахуст мавриди таҳқиқот ва баррасӣ қарор гирифтааст.

- мазмун ва муҳтавои фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ роҷеъ ба истифодабарии **ТИИ** барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ то андозае мукаммалтар баён шудааст.

- тамоилҳои асосии самарабахшии **ТИИ** дар азхудкунии ҳаҷми муайяни донишу малакаҳо тибқи талаботҳои заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ гардидааст.

- сатҳи салоҳиятмандии кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ барои мақсаднок истифода бурдани **ТИИ** дар таълиму тарбияи кӯдакон муайян гардида, барои самарабахшию фаъолияти таълимии онҳо намунаҳои мавод барои истифодабарӣ пешкаш карда шудааст.

*Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот* дар диссертатсия ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешниҳодшуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот ба муаллиф имконият додааст то натиҷаҳои асосноки воқеиро тавассути усулҳо ва бехатарии истифодабарии ТИИ ва таҷрибаи шахсиаш ба сифати педагог ба даст оварад.

Омӯзиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант ба таври зайл пешниҳод карда мешавад:

*Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва хулосаҳо* аз тарафи диссертант, дар дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ "Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ" пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Шӯрои методӣ ва омӯзгории муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳии ш. Душанбе, гузоришу маърузаҳо дар конференсияҳои анъанавии умумидонишгоҳии ҳарсола, конференсияҳои илмӣ-амалии шаҳрию ҷумҳуриявӣ, курсҳои такмили ихтисос барои

омӯзиши амиқи технологияи иттилоотию иртиботӣ ҳамчун воситаи таълимӣ, дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш. Душанбе мавриди баррасӣ ва муҳокима бо иштироки бевоситаи худи унвонҷӯ ташкил карда гузаронида шудааст.

Муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ дар 4 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризии бонуфузи тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи аз доираи мавзуи таҳқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад кардааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар коркарди маҷмӯи шартҳои ташкили муҳити таълимӣ ба мақсади ташаккули малакаҳои кори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо иттилоот, ошкор ва асоснок кардани шаклу усулҳои самараноки кор бо маводи иттилоотӣ дар ҷараёни таълим ва асосноккунии назариявии шаклу намудҳои истифодаи ТИИ бо мазмуни таълимӣ ба мақсади ташаккули баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ ифода ёфтааст.

*Арзиши амалии кории* таҳқиқоти мазкур дар он аён мегардад, ки натиҷаҳои он ба ворид намудани мундарича ва истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ бо таълимию методӣ на танҳо дар фанҳои педагогӣ, инчунин дигар фанҳои гуманитарӣ имконият дода, ташаккули технологияи иттилоотӣ-иртиботии ояндаро таъмин карда метавонад.

Баландбардории сифати таҷрибаи касбӣ дар муассисаҳои томактабӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълим мутобиқи Стандарти давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 амалӣ карда мешавад.

*Сохтори диссертатсия* аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо, дар маҷмуъ аз 175 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Боби мазкур масъалаҳои вазъи феълии масъалаҳои зарурати истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, аз ҷумла истифодабарии ТИИ дар бар гирифтааст.

Дар `муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистон воридшавии технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар асоси тадбиқи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” пайгирӣ карда шудааст.

Технологияи таълимӣ – усули хоси истифодаи амалии маводҳои омӯзишӣ мебошад, ки дар раванди таълим ба як воситаи маъмули таъсиррасонӣ мубаддал гаштааст, яъне роҳҳои амалан истифода бурдани усули таълимие, ки барои донишандӯзии кӯдакон кӯмакрасон хоҳад буд, ба шумор меравад.

Тарбияи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ, ки арзишҳои маънавию модии халқи худро аз худ намуда, қобилияти муошират кардан ба муҳити атрофро тавассути воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ (таҷҳизоти техникӣ) дорад, мақсади муасиисаҳои томактабӣ мебошад. Истифодабарии ТИИ талаботҳои асосии ҳамарӯзаи инсон, ба монанди мусоҳиба, муколама, таълим, ёдгирӣ, омӯхтан, азхудкунии донишу тасаввуротҳои нав ва худинкишофдиҳӣ кӯмаки зиёд мерасонад. Дар раванди кори таҳқиқотӣ унвонҷӯ ба чунин қоидаи тиллоии раванди таҳсилоти томактабӣ, ки мақсади он додани донишҳо, маълумоту тасаввуротҳои амиқ оид ба муҳити атроф, инкишоф додани имконияту қобилиятҳои ақлию зеҳнии кӯдакон ва бо таҳсилоти мактабӣ омода намудани онҳо мебошад, ба ҳисоб гирифтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи компютерикунонии соҳаи маориф аз ҳама муҳимтарин ба шумор рафта, тайи ду даҳсолаи охир бо

суръат идома дорад. Дар баробари арзишмандӣ истифодабарии технологияи `иттилоотӣ ва иртиботӣ мушкилотҳоро низ, ба монанди вобастагӣ ба ТИИ таъсиррасонии номатлуб ба ҳолати психикӣ, нокифоя будани маҳорату малакаҳо барои истифодабарӣ, маҳдуд будани доираи маводҳои зарурӣ бо забони тоҷикӣ ва ғайраҳоро ба миён оварда метавонад, ки шарҳи пурраи он дар диссертатсия оварда шудааст.

Боби дуюми таҳқиқот, ки таҳти унвони «Амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ» пешниҳод карда шудааст, дар се зербоб баррасӣ шудааст.

Боби дуюми таҳқиқот асосан ба усулҳо, талаботҳо ва асосҳои назарияву амалӣ бахшида шуда, масъалаҳои мақсад, вазифаҳо, арзёбӣ ва шарҳи натиҷаҳои мазмун ва технологияҳои иттилоотӣ - иртиботиро вобаста ба синну соли кӯдакон ва таъсири мутақобилаи компютер ба онҳо, синни калони томактабиро ифода кардааст.

Унвонҷӯ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ риояи талаботҳои ҳуҷҷатгузорӣ, барномавӣ, синнусолии кӯдакон ва бехатариро ба ҳисоб гирифта арзишмандии истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва иртиботиро дар машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаи томактабӣ собит карда тавонистааст. Омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаи томактабӣ – волидон, мураббиён ва ҳайати роҳбарикунанда накши босазо мегузорад.

Дар муассисаҳои томактабӣ шароити техникӣ фароҳам овардан дар шакли ҳуҷраи ҷудогона ба фоидаи муассисаҳо, мураббияҳо ва кӯдакон мегардад. Шумораи зиёди муассисаҳои томактабӣ кӯшиш карда истодаанд, ки дар муассисаҳои томактабии онҳо низ техникаву технологияи муосири компютерӣ ворид карда шавад.

Дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон истифодабарии ТИИ дар ҳоли рушд қарор дошта, масъулини соҳа собиқаи фаъолияти кории кишварҳои пешрафтаи оламро таҳқиқ ва дар амал татбиқ намуда

истодаанд. Тарбия намудани кӯдакон дар руҳияи дӯстдорӣ, эҳтироми якдигар, омӯзиш ва ҳифзи табиат яке аз самтҳои асосии фаъолияти кӯдакистон ба шумор меравад.

Унвонҷӯ дар раванди гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ худро ҳамчун муҳаққиқи қобилиятнок ва мустақил муаррифӣ карда тавонистааст. Натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон додааст, ки мутахассисон ҷонибдории худро бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ тасдиқ мекунад, вале сатҳу сифати омодасозии онҳо ба истифодаи намудҳои технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар дараҷаи паст қарор дорад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда барои ташаккул ва рушди бархӯрди нав дар раванди истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон) метавонад мусоидат намояд ва натиҷаҳои санҷишу таъйиди таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ мекунад.

Дар рафти ташкил карда гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ диссертант худро аз ҷиҳати мусбат нишон дода тавонистааст. Унвонҷӯ собит карда тавонистааст, ки ӯ як муҳаққиқи мулоҳизакор, дақиқ ва пухтарасида буда, дар оянда метавонад мустақилона ва мушаххас ҳадаф ва вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрастшударо амиқан, бошуурона ва аз диди мантиқ дуруст дарку фаҳм намояд, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳо, тарзу усулҳои ба мақсад мувофиқро барои ба сомон расонидани таҳқиқот роҳандозӣ намояд.

**Эрод ва камбудиҳои таҳқиқот.**

Бояд зикр намуд, ки дар баробари комёбиҳои арзандаи илмӣ-таҳқиқотӣ дар рисола нуктаҳое ба назар мерасанд, ки ба ислоҳ ниёзманданд. Аз ин рӯ, мехостем онҳоро ба таври зайл пешниҳод намоем:

1. Дар бораи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ роҳҳо ва тарзу усулҳои татбиқи онҳо бештар маълумоти муфассал дода мешуд, ба нафъи кор мебуд.

2. Бо мақсади муқоиса бо талаботҳои психологӣ-педагогӣ ва бехатарии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ дар Тоҷикистон, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро ҳамчун исботи истифодаи таҷрибаи онҳо оид ба масъалаи мазкур оварда мешуд аз фоида холӣ намебуд.

3. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия баъзе ноқисиҳои услубии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи омӯзгорон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, барои дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мувофиқ мебошад.

Дар умум, диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи

тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович баррасӣ ва муҳокима гардида, бо овоздиҳии кушоди кулли иштирокчиён тақризи мазкур тасдиқ карда шуд.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна омода карда шудааст.
(Қарори ҷаласаи кафедра №3А аз 16 ноябри соли 2022).

Роҳбари семинари
илмӣ-назариявии кафедра,
номзади илмҳои педагогӣ Сидикова Зухра Кадыровна

Котиби ҷаласа, Носирова Шифо Мирзошарифовна

Эксперт,
номзади илмҳои педагогӣ Қурбонов Файзали Асадуллоевич

Иҷрокунандаи мудири
кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои педагогӣ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна

**Маълумот барои тамос:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Моб. 900434443.
E-mail: boboevagulbahor0@gmail.com

*Имзои номзади илмҳои педагогӣ, Бобоева Гулбаҳор Шарифовнаро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.